**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи "Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ)**

Таҳқику баррасии мероси суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд аз нимаи дуюми асри XVIII то аввали асри XX муайян месозад, ки дар ин давра шоирони зиёде зиндагӣ ва эҷод намуда, ба рушди адабиёти замон саҳми арзанда гузоштаанд. Бинобар ин, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна, ки ба омӯзишу таҳқиқи ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX ихтисос ёфтааст, бисёр муҳим ва аз ҷиҳати илмиву назарӣ ва амалӣ арзишманд ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 бобу 11 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, тамоми матолиби он 189 саҳифаро дар бар мегирад.

Аз бобу фаслҳои диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант тамоми паҳлуҳои масъалаи баррасишавандаро мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода, андешаҳояшро бо мисолҳо тақвият бахшидааст.

Дар муқаддима мубрамии таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва равиши он, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои меҳварии ба дифоъ пешниҳодшаванда бо далелҳо асоснок гардидаанд.

Муаллиф дар хусуси мубрамияти омӯзиши мавзуъ ибрози назар карда, аз ҷумла таъкид месозад, ки: "Мақсади аслии таҳқиқот баррасии муҳимтарин вежагиҳои ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд, вазъи адабӣ, анъанаҳои шеъри классикии тоҷикӣ ва ҷойгоҳи шуарои ин аҳд дар рушди шеъри тоҷикии нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ба шумор меравад" (саҳ. 7). Бинобар ин, дар рисола таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи суннатҳои шеъри тоҷикӣ, аз ҷумла анъанаҳои иншои ашъори дузабона ва идомабахшии эҷоди анвои суннатии шеъри форсӣ, бедилгароӣ, татаббуъ ва назирагӯйӣ, иҷтимоъгароӣ, таъсири шеъри классикии форсӣ дар ин доираи адабӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант барои расидан ба ҳадафҳои аслӣ дар диссертатсия кӯшиш намудааст, ки оид ба таҳқиқи мухтасари авзои адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – ибтидои асри XX ва ҷойгоҳи шуарои номвари ин аҳд, муайян намудани равишҳои идомаи суннатҳои шеъри

классикии форсии тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Хуҷанд, идомаи суннатҳои адабии Бедил ва ҷойгоҳи шоирони пайрави ӯ дар миёни адибони ҳавзаи адабии Хуҷанд, мундариҷа ва таркиби мероси адабии шоирони ин ҳавза, рушди анвои шеъри форсӣ-тоҷикӣ, идомаи суннатҳои насри классикӣ ва вежагиҳои сабкиву мавзуии осори мансур дар мисоли "Ғароиби сипоҳ" ва ғайра андешаҳояшро бо далелҳои асоснок баён намояд.

Чунин масъалагузориҳо унвонҷуро водор намудааст, ки воқеан, дар баррасиву таҳқиқи эҷодиёти шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX таҳлилҳои илмӣ намуда, дар заминаи он як кори муҳимми илмии арзишмандро анҷом диҳад.

Диссертант дар баробари ин дар муқаддимаи диссертатсия нуфузи суханварони форсигӯи шаҳри Хуҷандро дар аҳди мавриди пажуҳиши хеш муқаррар карда, ҷойгоҳи Шӯхӣ, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Хотиф, Нозил, Лисонӣ, Асирӣ, Туробӣ, Равнақ, Воқиф, Фавзӣ, Қозӣ Самеи Росих, Зоир ва дигарон, инчунин бонувони сухангӯро, аз қабили Қамбархон, Муаззамхон, Муаттархон, Зебо, Бифазилат, Шарифабибӣ Оҷиз, Бибӣ, Бибиҳидоят ва Қутбинисоро ба таври махсус таъкид намудааст.

Боби якуми диссертатсия – **"Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX"** унвон дошта, чор фаслро дар бар мегирад. Фасли аввали боби мазкур **"Ҳаёти адабии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии омӯзиши он"** ном дошта, вазъи адабӣ, сарчашмаҳои омӯзиши адабиёти он давра, ба монанди тазкираҳо, дафтару баёзҳо, девонҳо, феҳристҳо бо далелҳо таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Диссертант дар фасли дуюм – **"Мавзуъ, мухтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирони ҳавзаи Хуҷанд"** перомуни хусусиятҳои ашъори суханварони ин аҳд, ки ба забонҳои тоҷикиву узбекӣ эҷод мекарданд, андешаронӣ намуда, матолиб ва маълумоти зарурииро дастабандӣ ва шарҳу тавзеҳ додааст.

Муаллиф дар ин фасл мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоирони пешқадаме чун Шӯхӣ, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Асирӣ, Файёз ва дигаронро баррасӣ кардааст. Дар заминаи таҳқиқ муайян кардааст, ки дар эҷодиёти ин шоирон бештар тасвири авзои замон, шикваю шикоят аз ноадолатӣ, сахтию бемурувватии давру фалак, вазнинии аҳволи иҷтимоӣ, мазаммат ва танқиди кирдорҳои ношоями табақаҳои болоии ҷомеа, инчунин, руҳия ва ормонҳои мардумӣ

инъикос ёфтааст. Муаллиф дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмӣ дар ин фасл ба чунин натиҷа мерасад, ки: "...авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба шеъри замон таъсири матлуб расонидааст, зеро нуфузи масоили иҷтимоӣ, тасвири зиндагонӣ ва ҳолу ҳавои худи шоирон ва рӯзгори онҳо дар ҳама намудҳои шеърӣ мавқеъ ва мақоми хоса касб намудааст" (саҳ. 44).

Фасли сеюми боби аввал ба **"Ривоҷи адабиёти дузабона"** бахшида шуда, дар он анвои жанрҳои адабие, ки дар ин ҳавзаи адабӣ ривоҷ ёфта буданд, мисли мухаммас, мусаддасу тарҷеъбанд, манзума, қасидаву ғазал ва ғайра бо мисолҳо таҳлил гардидаанд. Диссертант жанрҳои роиҷи ин ҳавзаи адабиро баррасӣ намуда, бар ин натиҷа расидааст, ки дар баробари ривоҷи шеъри тоҷикӣ дар ин давра шоирон бо забони ӯзбекӣ низ андешаҳои хешро роҷеъ ба авзои замон, мушкилоти иҷтимоӣ ва ҳатто тасвири манозири табиати Хуҷанд ва дигар зебоиҳои он баён карда, ба ҳамин шеваҳо ба ривоҷи адабиёти зуллосонайн саҳм гузоштаанд.

Дар фасли чоруми боби якум доир ба **"Мақоми бонувони суханвар дар инкишофи адабиёти давр"** изҳори назар шудааст. Бино ба таъкиди диссертант барои омӯхтани моҳият ва мазомини эҷодиёти занони суханвар, чун Қамбархон, Муаттархону Муаззамхон, Зебо ва дигарон пеш аз ҳама, осори худи онҳо нақши муҳим дорад. Диссертант дар мавриди таҳлили ин мавзуъ муҳимтарин тазкираҳоро, ба монанди тазкираи "Шоираҳои тоинқилоби Хуҷанд"-и Э.Шодиев, "Тазкираи Андарунӣ"-и Б.Ҳиҷозӣ ва ҳамчунин, рисолаи илмии Д.Ваҳҳобзода "Сарчашмаҳо ва вежагиҳои ғоявию бадеии осори занони суханвари форсу тоҷик дар асри XIX"-ро, ки ба масъалаҳои асосии таҳқиқи осори занон, ҳунари шоирӣ ва ашъори занони суханвари ҳавзаи Мовароуннаҳр, бахшида шудаанд, истифода бурдааст.

Дар диссертатсия таҳқиқоти ин олимон, ки асосан хусусиятҳои ашъори бонувони суханварро дар даврони мухталифи инкишофи адабиёти тоҷик муайян мекунад, мавриди зикр қарор гирифта, сарчашмаҳои муҳимми илмӣ ба шумор рафтааст. Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқ дар радифи дигар шоирони маъруфи замон саҳми бонувонро дар такмили ҷанбаҳои мухталифи адабиёти ин ҳавза баён карда, доир ба ин чунин андеша дорад: "...аз баррасии мавзуъ ва мундарича, инчунин сабки сухани бонувони суханвари Хуҷанди давраи таҳқиқ бармеояд, ки дар ин давра аз рӯйи маълумоти дар дастбуда 9 бонуи суханвар зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Дар миёни мероси адабии онҳо

асосан жанри ғазал мавқеи хоса дошта, рубоиёту дигар анвои шеърӣ низ ба назар мерасад" (саҳ. 68).

Боби дуюми рисола **"Таҳаввули жанрҳои адабӣ"** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар нахустфасли боби мазкур, ки **"Жанрҳои хурди ғиноӣ"** унвон гирифтааст, муаллиф дар хусуси мавҷудияти аксар жанрҳои маъмули шеъри классикӣ, амсоли ғазал, рубоӣ, мустазод, қитъа, фард ва ғайра дар эҷодиёти шоирони давраи мавриди таҳқиқ маълумот дода, ба баррасии хусусиятҳои сохтории он таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст.

Диссертант намунаҳои ашъори шоирони ин ҳавзаи адабиро ба риштаи таҳқиқ кашида, ба чунин натиҷа мерасад, ки жанрҳои хурди лирикӣ – ғазалу рубоӣ, мустазод, қитъа, фард дар баробари жанрҳои бузурги давр дар охири асри XVIII то ибтидои асри XX дар қолабҳои анъанавии назми классикӣ офарида шуда, бархе аз онҳо чун жанрҳои маъмул ва инкишофёфтаи адабиёти давр эътироф гардидаанд. Дар ин давра чун даврони дигари адабиёти гузашта ғазал навъи маъмулии жанрҳои хурди ғиноиро ба вуҷуд овардааст.

Таъкиди як нукта зарур аст, ки андешаҳои зикрнамудаи муҳаққиқ қобили қабул мебошанд, зеро онҳо бо дидгоҳои якчанд нафар олимони соҳа мутобиқат доранд, ки ҳангоми баррасӣ ба матолиб ва диду назари онҳо ишорат намудааст.

Фасли дуюми боби мазкур **"Жанрҳои бузурги ғиноӣ"** номгузорӣ шуда, перомуни қасида, мухаммас, мусаддас, тарҷеъбанд маълумоти кофӣ дода, заминаҳои густариши ин навъҳои шеъриро дар ин давра баён кардааст. Ҳамзамон, диссертант ашъори шоирони Хуҷанд чун Шӯхӣ, Нозил, Камолиддин Махдум, Асирӣ, Маъюс, Зинат, Нузҳат, Хотифро мавриди таҳлил қарор дода, тавфиқ, дастоварду падидаҳои муҳимро дар ашъори ин суханварон бо далелҳо нишон додааст. Азбаски дар он давра Хуҷанд ба хонигарии Хӯқанд тобеъ буд, ҷараёнҳои адабии Хӯқанд ба рушди адабиёти ҳавзаи Хуҷанд саҳми беандоза дорад, ки ба ин масъала низ дар ин фасли рисола таъкид шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм **"Анвои дигари адабии манзум ва мансур"** ном гирифта, ин ҷо аз жанрҳое, ки дар адабиёти ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди таҳқиқ роиҷ буд, сухан рафтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ жанри маснавиро дар мисоли "Тимсол"-и Тошхоҷа Асирӣ, "Дар ҳаққи шоирони замон", "Таърифи боғи Машҳади Козим" ва "Хоб дидани Файёз Фирдавсиро"-и Файёзи

Хуҷандӣ таҳлил намуда, маснавиҳои ин давраро аз рӯйи хусусияти муҳиммашон ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст.

Ҳамзамон, муаллиф хусусиятҳои насри классикии ин давраро дар мисоли "Ғароиби сипоҳ"-и Тоҷири Хуҷандӣ ва осори насрии динӣ ва ирфонии Муҳаммад Султон Абдуллоҳи Маъсуми Хуҷандии Маккӣ бо муҳимтарин далелҳои асоснок баён намуда, мавҷудияти намунаҳои осори насриро далели идомаи суннатҳои хоси насри классикӣ номидааст.

**Боби севуми диссертатсия "Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд"** унвон дошта, чаҳор фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввали боби мазкур, ки **"Таъсири поэтикаи шеъри Бедил ба шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд"** ном дорад, дар бораи маъруфтарин шоирони ғазалсарои давраи мавриди таҳқиқ чун Шӯҳӣ, Воқиф, Нозил, Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф, Хотиф, Зоир, Асирӣ ва дигарон, ки баъзе аз онҳо шоирони соҳибдевон буданд, маълумот оварда шудааст.

Диссертант бо баррасии эҷодиёти шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд, ки дар қатори шуарои ҳавзаҳои дигар аз мактаби шуарои бузурги адабиёти форсу тоҷик таълим гирифтаанд, тавонистааст мақоми эшонро дар қаламрави адабиёт нишон диҳад. Муаллиф дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи ин масъала чунин хулоса менамояд, ки "...шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба сабки ҳиндӣ, хоса Бедилу Соиб, Сайидо ва дигарон таваҷҷуҳ дошта, пайравиҳои эшон асосан аз ду ҷиҳат: ҷиҳати зоҳирӣ ва шаклии шеър, аз ҷумла вазн, қофия, радиф, таъсирпазирӣ дар мазмунсозиву маъниофаринии ин сабк дар ашъори шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба чашм мерасад. Як хусусияти таъсирпазирии шоирон дар забони шеър, яъне офариниши калимаҳои мураккаб,ибораҳо ва таркибҳои шоирона таҷассум ёфтааст" (саҳ. 131-132). Яъне, ин андеша далел бар он аст, ки баробари шуарои ҳамаҳди ҳавзаҳои дигар, шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд низ маҳорати шоирии хешро дар истиқболи падидаҳои мактаби пайравони Бедил сайқал додаанд.

Дар фасли дуюми ин боб **"Баррасии ҷараёни бозгашти адабӣ ҳамчун падидаи ҳунарӣ"** доир ба таърихи пайдоиши "сабки давраи бозгашт" ва роҳу усулҳои корбурди он сухан рафтааст. Унвонҷӯ дар раванди таҳқиқ қайд менамояд, ки дар адабиёти ин давра баробари пайравони мактаби Бедил аз сабки сухани Саъдиву Камол, Ҳофизу Ҷомӣ низ истиқбол намудаанд ва ин равиш баёнгари он аст, ки ҳарчанд ҷараёни давраи бозгашти адабӣ асосан дар Эрон ба таври

расмӣ нуфуз дошт, аммо унсурҳои ҷараёни бозгашти адабӣ дар эҷодиёти гурӯҳе аз суханварони ин давр низ ба мушоҳида мерасад

Фасли сеюми боби мазкур **“Заминаҳои зуҳури падидаҳои шеъри нав”** унвон дошта, муаллиф дар равиши таҳқиқ доир ба ташаккулу таҳаввул, инчунин, падидаҳои тозаи адабӣ, мазмун ва мундариҷаи ғоявии ашъори шоирони давр, таъсири маҳфилҳои адабӣ, ки хеле назаррас буд, суҳбату мушоваpaҳои хонаводагию мадрасавии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ҳарф задааст. Бино ба таъкиди диссертант, “...дар баробари мактаби пайравони Бедил ва шеваи бозгашти адабӣ шеъри нав низ яке аз муҳимтарин бозовардҳои равияи маорифпарварӣ дар адабиёти давра ба шумор рафта, он дигаргуниҳоеро дар шакл, услуб, тарз, мазмун ва мавзуи шеър ворид намуд. Шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд низ дар қатори ҳамасрони хеш дар эҷод, таҳаввул, рушд ва нуфуз пайдо намудани шеъри нав иқдом намуданд, ки дар миёни онҳо Тошхоҷа Асирӣ, Фахрии Хуҷандӣ, Файёзи Хуҷандӣ, Фавзии Хуҷандӣ ва дигарон пешсаф мебошанд” (саҳ. 148).

Фасли чоруми ин боб **“Вежагиҳои ҳунарӣ ва шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ”** ном дошта, нуфузи ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоирони замон ва шеваҳои шоиронаи корбурди саноеи бадеӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Унвонҷӯ зимни таҳқиқу баррасӣ муҳимтарин шеваҳои роиҷи корбурди саноеи бадеӣ, амсоли маҷоз, ташбеҳ, муроотунназир, сифатчинӣ (тансиқи сифот), тазод, тавсиф, муболиға, ирсоли масал, таҷнис, ташхис, муамморо, ки дар эҷодиёти шуарои ҳавзаи адабии Хуҷанд ба назар мерасад, муайян кардааст.

Қисмати хулосаи диссертатсия бисёр борвар буда, аз ҳалли дурусти мавзуъ ва ба иҷро расидани кулли мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташуда, инчунин аз натиҷаи ҷустуҷӯҳои амику доманадори муаллиф, перомуни муайян кардани муҳити илмиву адабӣ ва хусусиятҳои поэтикии ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XX дарак медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот муайян гардидаанд, дар 15 банди назарӣ ва чанд тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд.

Дар диссертатсия баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳ намудани он ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рафти таҳлил ва муқоиса намудани ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд бо шоирони ҳавзаи адабии Хӯқанд, аз тазкираи “Маҷмуат-уш-шуаро”-и Фазлии Намангонӣ низ

мисолҳо овардан ба илмияти диссертатсия мусоидат карда, чанбаи илмии онро боз ҳам тақвият мебахшид.

2. Дар фасли дуюми боби аввал аз ашъори Шӯхӣ байтҳо бидуни ишораи саҳифаҳои ашъор оварда шудаанд: (саҳ.40, 41, 42, 43).
3. Дар фасли сеюми боби аввал, ки "Рушди адабиёти дузабона" унвон гирифтааст, таъсири эчодиёти шоири зуллисонайни ҳавзаи адабии Хӯқанд – Амир Умархон ба эчоди шоирони ҳавзаи адабии Хучанд баён карда мешуд, боз ҳам мавзуъро чолибтар мекард.
4. Дар фасли чоруми боби аввал доир ба мақом ва ашъори 9 бонуи суханвар маълумот оварда шудааст. Аммо дар саҳифаи 56 як газали Қамбархони Хучандӣ бо матлаи "Тири нигоҳи чонон карда маро нишона..." ва дар саҳифаи 61 аз ашъори Зебои Хучандӣ, ки бо мисраи "Эй ҳусни Юсуфӣ зи чамоли ту як асар" оғоз мешавад, тахлилҳо пурра карда мешуд, таваччуҳи хонанда ба ашъори ин шоирон бештар равона мешуд.
5. Дар боби дуюм доир ба махсусиятҳои жанрҳои бадеӣ ва корбурди онҳо аз тарафи шоирони ҳавзаи адабии Хучанд маълумот оварда шудааст. Хуб мешуд, дар ин боб ҳачми ашъори шоирони ин ҳавза муайян карда шуда, микдори шеърҳое, ки дар кадом жанр бештар эчод шудааст, баён мегардид.
6. Дар рӯйхати адабиёт баъзе сарчашмаҳо бидуни макони чоп (нашриёт) ва саҳифаҳо нишон дода шудаанд: (саҳ. 167, 177, 186).

Ин норасоиҳо чузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамова ба яке аз мавзуоти муҳимми адабиётшиносии точик бахшида шуда, мачмуи масъалаҳои меҳварии таҳқиқот нуктасанчона ҳаллу фасл гардидаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон – точикӣ ва русӣ омода гардидааст, пурра мувофиқат мекунад.

Дар мачмуъ, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи "Ҳавзаи адабии Хучанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX" барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) кори анчомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илми филология,
директори нашриёти “Дабир”-и
Донишгохи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Охунҷонова Нурихон Раҳматовна**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 12, хонаи 9.
тел: (+992)929110500
e-mail: dabir77@mail.ru

**Имзои Охунҷонова Нурихон Раҳматовнаро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгохи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Мирпочоев И.Ҳ.**

**23.01.2023**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1.
Тел: 83422 2-38-11
E-mail: tsulbp@rambler.ru